آوازتاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

24 майи соли 2023
Чоршанбе
№ 41 (14948)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ҲОЛАТИ ТАТБИҚИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ БАРРАСӢ ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти ҳолати татбиқи манбаъҳои барқароргардандаи энергия дар муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ ва идораҳои давлатӣ шинос гардид.***

Бо қарори роҳбари давлат аз 16 феврали соли ҷорӣ барномаи вусъат додани истифодаи манбаъҳои барқароргардандаи энергия қабул гаштааст. Он соли ҷорӣ насб намудани панелҳои офтобии иқтидораш 220 мегаваттро дар объектҳои соҳаи иҷтимоӣ ва муассисаҳои давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Дар ҷамъомад шахсони соҳибмансаб дар бораи ҷараёни кор дар ин самт ҳисобот доданд.

Таъкид шуд, ки имрўз панелҳои офтобӣ ба иқтидори умумии 107 мегаватт устувор гардидааст. Ширкатҳои калони давлатӣ ин чорабиниҳоро бо суръати баланд ба амал мееоранд, аммо дар муассисаҳои иҷтимоӣ кор бо суръати паст ҷараён дорад.

Барои мисол дар биноҳои муассисаҳои таълимоти олӣ аз миқдори умумии банақшагирифташудаи панелҳо ҳамагӣ 36 фоиз, дар биноҳои мактабҳо 33 фоиз, муассисаҳои тиббӣ 28 фоиз гузошта шудааст. Умуман дар саросари ҷумҳурӣ нишондод қариб ба 50 фоиз расид. Аммо дар Тошканд истифодаи манбаъҳои барқароргардандаи энергия 26 фоизи ба нақша пешбинишударо ташкил менамояд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки имконоти бисёри корбурднашуда вуҷуд дорад ва супориш дод, ки кор тезонда шавад.

Имсол ба нақша гирифта шудааст, ки неругоҳҳои барқии офтобӣ ва шамолӣ ба иқтидори 2 ҳазор мегаватт ба баҳрабардорӣ супурда шавад. Ғайр аз ин, ба қарибӣ дар доираи ташрифи давлатии Президенти Ўзбекистон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи сохтмони 11 неругоҳи барқии офтобӣ ва шамолӣ ба иқтидори умумии 4,8 гигаватт ба миқдори 4,4 миллиард доллар тавофуқ ҳосил гардид.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои ташкили иҷрои ин шартномаҳо баррасӣ гардиданд.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ СИНГАПУР БА ЎЗБЕКИСТОН ОМАД

***Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 23 май ба мамлакатамон Президенти Ҷумҳурии Сингапур Ҳалима Ёқуб бо ташрифи давлатӣ омад.***

Дар Аэропорти байналхалқии «Тошканд» ба ифтихори меҳмони оливқадр парчамҳои давлатии ду мамлакат бардошта шуда, қаравули фахрӣ саф ороست.

Президенти Сингапур ва ҳамсари ўро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон З.Маҳкамова, вазири корҳои хориҷӣ Б.Саидов ва иҷрокунандаи вазифаи ҳокими шаҳри Тошканд Ш.Умурзоқов пешвоз гирифтанд.

Пас аз ин меҳмони олиқадр ва аъзои ҳайати Сингапур аз боғи «Янги Ўзбекистон» боздид намуда, ба пояи муҷассамаи Истиқлолият гул гузоштанд.

Ба Ҳалима Ёқуб дар бораи ёдгории боҳашамат, ки ба шарафи истиқлолияти Ватанамон, халқи қаҳрамони мард ва шуҷову меҳнатдўстамон бунёд гаштааст, нақл намуданд. Меҳмони олиқадр корҳои созандагиро, ки дар боғи «Янги Ўзбекистон» ба вуҷуд омадааст, муносиб арзёбӣ намуд.

Муҷассама соли 2021 ба муносибати 30-солагии истиқлолиятамон қад афрохтааст. Мурғи Ҳумо ба он ҳамел гаштааст. Дар муҷассама рўйдодҳои муҳимтарини таърихи мамлакатамон, образҳои олимони бузург, сарлашкарон, ниёгони маъруфамон тасвир гаштааст, ки дар қалбҳо ҳисси ифтихорро бедор менамоянд.

Дар ин ҷо Президенти Сингапур бо намояндагони марказҳои милливу маданиe, ки дар Ўзбекистон фаъолият доранд, мулоқот намуд.

Бинобар барномаи боздиди роҳбари Сингапур баргузор намудани мулоқот дар дараҷаи олӣ пешбинӣ мегардад.

Дар рўзномаи ҳамоиш масъалаҳои рушди минбаъдаи конструктивии гуфтугўи сиёсӣ, дастгирии ҳамдигар дар доираҳои ташкилотҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, ҳамкорӣ дар ҷиҳати лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо иштироки ширкатҳои маъруф ва институтҳои молиявии ду мамлакат, вусъати табодули маданиву инсонпарварӣ шомиланд.

Президент Ҳалима Ёқуб инчунин бо Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, роҳбарони конфессияҳои динӣ дар мамлакатамон вомехўрад, дар маросими ифтитоҳи бизнес-форуми доираҳои корчаллон ва тақдимоти фаъолияти маркази муштараки таълимӣ ширкат хоҳад кард.

Ғайр аз ин роҳбари Сингапур ба шаҳри Самарқанд сафар намуда, дар он ҷо бо мероси ғании маданиву таърихӣ ва тамаддунии маркази қадимаи бурриши хатҳои Роҳи бузурги абрешим шинос мегардад.

Бояд қайд кард, ки ташрифи Ҳалима Ёқуб ба Ўзбекистон ташрифи ҷавобӣ ба шумор меравад. Моҳи январи соли ҷорӣ роҳбари мамлакатамон аз Сингапур бо ташрифи давлатӣ боздид ба амал оварда буд.

Аз аввали соли ҷорӣ табодули амволи тарафайн 6 маротиба афзуд. Сингапур ба шумори сармоягузорони бузурги Ўзбекистон дохил гардид. Ҳоло ҳозир ба миқдори 3,8 миллиард доллар дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, кимё ва саноати бофандагӣ, шаҳрсозӣ, таълим ва ғайра лоиҳаҳо ба амал татбиқ мегарданд. Табодули байнипорлумонӣ ва алоқаҳои маданиву гуманитарӣ фаъол мегарданд.

Ташрифи давлатии Президенти Ҷумҳурии Сингапур Ҳалима Ёқуб ба мамлакатамон идома дорад.

**ЎзА.**

***ПАРИЖ. /АИ «Дунё»/. Нашрияи интернетии фаронсавии «Futur En Seine» дар саҳифаи худ мақолаи «Майдони асосии лижаронии Ўзбекистон ба пеш ҳаракат дорад»-ро ҷойгир намуд.***

## ЧИМГОН ДАР ОСИЁИ МИЁНА КУРОРТИ РАҚАМИ ЯКУМИ КЎҲӢ ХОҲАД ШУД

Дар мақола таъкид мешавад, ки ширкати фаронсавии лифтбарории «MND» барои бунёди шаш лифт ба маблағи 100 миллион евро барои осоишгоҳи лижаронии «Чимгон»-и Ўзбекистон ғолиб омад, ки низ осоишгоҳи чаҳор мавсим хоҳад буд ва дар се соли оянда фаъолият хоҳад кард.

Хабар дода мешавад, ки шаш лифти мутаҳаррик аз гондоли ҷудошавандаи дорои 10-ҷой барои расидан ба истгоҳи миёнаи Чимгон ва биноҳои хидматӣ дар истгоҳҳои поёнӣ ва болоӣ, инчунин як роҳи симини 80-ҷойӣ, ки ба қуллаи Чимгон дар баландии 3309 метр дастрасӣ дорад, иборат аст. Дар стансияҳои поёнӣ ва боло низ биноҳои хидматӣ сохта мешаванд. Ширкат инчунин ду лифти устувори чорҷойӣ, шаш лифти мобилии ибтидоӣ, майдончаи бозии барои ҳамаи мавсими обу ҳаво пешбинишуда ва системаи автоматии барфрезии сунъиро барои қисмате аз майдони лижаронӣ таъмин хоҳад кард.

Таъкид мешавад, ки лоиҳа аз ҳисоби қарзи байнидавлатии ҳукумати Фаронса маблағгузорӣ шуда ва таҳти назорати Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD) қарор гирифта, ҳадафи ин суръат бахшидан ба рушди Чимгон мебошад, ки дар масофаи камтар аз 90 дақиқа аз пойтахти Ўзбекистон ҷойгир аст. Он мақсад дорад, ки аввалин курорт дар Осиёи Миёна шавад.

Илова ба лифтҳо ва барфрезӣ, MND инчунин бозиҳои амрикоӣ, ду хати азим, манораи бозӣ, майдони тюбинг, чордаҳ системаи муҳофизат аз тарма, аломатҳои майдони лижаронӣ ва прожекторро дар пайроҳаҳои интихобшуда таъмин хоҳад кард, хулоса мекунад «Futur En Seine».



*Сурхондарё аз ҷиҳати иқлим ҳудуди ба кишоварзӣ мутобиқ ба шумор меравад. Аз имкониятҳо истифода бурда, дар вилоят қисми асосии соҳибкорӣ дар самтҳои кишоварзӣ ва гармхона ташкил карда мешаванд.*

*Дар мисоли ноҳияи Денав бубинем, ба нақша гирифта шудааст, ки соли ҷорӣ 100 тонна картошка аз ҷониби маҳз соҳибкорони ин ноҳия рўёнда шавад. Дар гармхонаҳои зиёд помидор парвариш карда мешавад.*

*ҶММ «Денав Шарқ мўъҷизаси» низ бо парвариши помидор шуғл меварзад. Гармхонаи замонавии ҷамъият, ки 4 гектарро дарбар мегирад, аз ҳисоби 900 ҳазор доллари Амрико бунёд гардидааст. Дар айни ҳол 35 нафар бо корҳои гармхона шуғл меварзанд.*

***Дар сурат:** дар гармхона.*

***Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

## АВВАЛИН ИҶРОКУНАНДАИ НАҚШАИ ҒАЛЛА ДАР ҶУМҲУРӢ

Ноҳияи Музработи вилояти Сурхондарё минтақаи аз ҳама гарми Ўзбекистони офтобӣ буда, маълум, ки ҳар сол ғунучини ҳосили ғалладона маҳз дар ҳамин ноҳия оғоз меёбад. Дар рўзи нахустини мавсим хоҷагии фермерии «Аслиддин Алимов», ки ба 40 гектар замин ғалладона кишт карда буд, аввалин шуда дар миқёси ҷумҳурӣ супоришоти солонаи пешбинишударо барзиёд иҷро кард.

Дар натиҷаи парвариши дурусти бо усулҳои агротехникӣ роҳандозишуда ҳосили дилхоҳ ба даст оварда шуда, аз ҳар гектар ба миқдори 63 тонна ғалла ҷамъоварӣ гардид.

Имсол дар миқёси вилоят деҳқонони заршиноси заҳматкаш ба 89 ҳазору 325 гектар майдон саривақт ғалладона кишт намуданд. Аз рўи маълумотҳои пешакӣ майдонҳои кишт хуб парвариш ёфтаанд ва ҳосили фаровон низ ҷамъоварӣ мегардад. Барои ҷамъоварии ҳосил 141-то гурўҳи дарав ташкил гардида, 283-то комбайни замонавӣ ҷалб карда шудаанд. Дар айни ҳол корҳои дарав дар ноҳияҳои Музработ ва Ҷарқўрғон оғоз гардида, зина ба зина дар дигар ноҳияҳо низ ғунучини ҳосил шурўъ мегардад. Умед аст, ки ғаллапарварон пеш аз муддат ва барзиёд нақшаҳои пешбинишударо ба иҷро мерасонанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

## САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ БАРОИ ХУД ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ САРМОЯВИИ ЎЗБЕКИСТОНРО КАШФ МЕКУНАНД

**Дар ҷамъомади ҳарсолаи 32-юми Шўрои роҳбарони Бонки таҷдид ва рушди Аврупо (БТРА), ки 16-18 май дар шаҳри Самарқанд баргузор шуд, Президент Шавкат Мирзиёев нутқ кард.**

Роҳбари давлат маънии амиқу рамзии маҳз дар Самарқанд, ки аз қадимулайём дар чорроҳаи Шоҳроҳи абрешим ҷойгир асту Шарқ ва Ғарб, Шимол ва Ҷанубро ба ҳам мепайвандад ва аз марказҳои тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмиву технологии табодулоти байни Аврупо, Осиё ва Африқо буд, гузаронида шудани анҷуманеро таъкид кард.

Сарвари давлати мо ба роҳбарияти Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, ҳукумати давлатҳои аъзо ва сарвари бонк, ба созмондиҳандагон – шарикони бонку сармоягузорон, тамоми кормандони он, ки Ўзбекистонро дастгирӣ мекунанд ва лоиҳаҳои муштаракро татбиқ менамоянд, миннатдории амиқ изҳор намуд.

Иштироки Президент Шавкат Мирзиёев дар чорабинии мазкур ба анҷуман муҳити махсус бахшид ва шаҳодати садоқати баланди ҷумҳурӣ ба вусъат додан ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳои байналхалқӣ гардид.

**Ҳамтаъсиси ширкати «Frontier ESG Advisory» Иан Сандерси мушовири асосии Марказ бинобар танзими талошҳои хоҷагии Британия Эндрю Гроссман гуфт:**

— Тағйироти ҷаҳоние, ки имрўз ба вуқўъ мепайванданд, дорои он гуна иқтидори таъсире мебошад, ки онро бо инқилоби саноатии асри XIX қиёс мекунанд. Ин тағйирот, ки дар ибтидо «гардиши энергетикӣ» унвон гирифта буд, аз чаҳорчўбаи ин фаҳмиш хеле бартар аст ва мафҳуми «сармояи устувори ҷаҳонӣ» раванди ҳолоинаи онро бештар таҷассум менамояд.

Ин гардиши сармоявӣ симои бозорҳои байналхалқии молиявиро хеле зуд тағйир медиҳад: бинобар пешгўиҳо дар тўли ду соли минбаъда барои рушди устувор ва соҳаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоравӣ (ESG)-и меъёрҳо дар ҳаҷми 33 триллион доллар сармояҳо равона карда мешаванд.

Чунин тағйироти зуд маънии онро дорад, ки муассисаҳои бузурги молиявии тамоми ҷаҳон баҳри он, ки афзалиятҳои худро мувофиқи воқеияти нав бозсозӣ намоянд, бояд хеле зиёд кор кунанд.

Ўзбекистони кунунӣ дар ибтидои роҳи нав қарор дорад. Ба шарофати барномаи марказонидан ва хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ, кишвар тамоми имкониятҳоро дорад, ки стратегияи нави миллии худро дар соҳаи мазкур татбиқ намояд. Бо назардошти дар ҳайати аҳолӣ зиёд будани ҷавонони босавод, ки барои ҷалби сармояҳо дар рушди устувор ва соҳаи ESG таҷрибаи зарурӣ доранд, Ўзбекистон метавонад ин гуна тағйиротро нисбати бисёр дигар иқтисодиёти бузурги барқарори ҷаҳон зудтар амалӣ намояд.

**Директори департаменти коммуникатсияҳои БТРА (солҳои 2011-2022), коршинос дар соҳаи журналистика ва коммуникатсияҳо Ҷонатан Чарлз (Британияи Кабир) изҳор дошт:**

– Ўзбекистон ҳоли ҳозир аз нуқтаи назари ҷалби сармояҳо маъвои бағоят ҷолиб ва пешомаднок аст. Инро муаррифии иқтидори сармоявии Ўзбекистон дар ҷамъомади ҳарсолаи Шўрои роҳбарони БТРА бори дигар собит намуд.

Дар ҷараёни иҷлосияи мазкур аз ҷониби нотиқон қайд гардид, ки Ўзбекистон кишвари рўшод, дўстпарвар, меҳмоннавоз ва зуд пешравандa бо захираҳои баландихтисоси меҳнатӣ мебошад. Ҷолибияти сармоявии мамлакат меафзояд. Намояндагони бисёр ширкатҳои хориҷие, ки дар Ўзбекистон кор мекунанд ва дар ин бобат таҷрибаи хуб доранд, низ аз ин хусус ҳарф мезананд.

Ҳамчунин муҳим аст таъкид кунам, ки алҳол дар ҷумҳурӣ сармояҳои зиёд барои рушди манбаъҳои нави энергия – нируи офтобӣ ва бодӣ ҷалб карда мешаванд. Он чиз боиси таъкид аст, ки БТРА дар ҷамъомади худ воқеъ дар Самарқанд ин самтро дастгирӣ кард.

Баргузории чунин чорабинии муҳими байналхалқӣ маҳз дар Самарқанд аз ҷониби ҳукумати Ўзбекистон ҳамчунин иқтидори бағоят ғании сайёҳии кишвари шуморо намоиш дод. Бовар дорам, ки иштирокдорони чорабинӣ таассуроти зиёдро аз шиносоӣ бо шаҳри таърихӣ, ҷойҳои дидании он, фарҳанги ғанӣ ва меҳмоннавозии анъанавии мардуми Ўзбекистон бо худ мебаранд.

**Директори генералии «Ziraat-BankUzbekistan» Зафар Ҷонпулат (Туркия) мегўяд:**

– Ҷамъомади роҳбарони БТРА дар Самарқанд ба рўҳи ислоҳоти муттасиле, ки дар Ўзбекистон таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев татбиқ мешаванд, мувофиқат мекунад. Обрўи Ўзбекистони Нав дар арсаи байналхалқӣ рўз аз рўз дар пеши назари мо баландтар мегардад, ин пеш аз ҳама ба шарофати сиёсати рўшод ва эътимоди тарафайн бо кишварҳои шарик, аз ҷумла хориҷи дур мебошад.

Дар маркази таърихии Шоҳроҳи абрешим – шаҳри Самарқанд баргузор шудани ҷамъомади ҳарсолаи 32-юми Шўрои роҳбарони Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, ҳамчунин дар он ширкат варзидани ҳайатҳои сернуфуз аз ҷумлаи сарони муассисаҳои бузурги молиявии хориҷӣ ва ширкатҳои машҳури тамоми олам аз рағбати рўзафзуни ҷомеаи соҳибкорони байналхалқӣ нисбати имкониятҳои сармоявии Ўзбекистон шаҳодат медиҳад.

Чорабинии БТРА, ки таҳти шиори «Сармояҳо барои ҳаёт» баргузор шуд, бешубҳа, барои ташаккул додани нақшаҳои дақиқ бобати паси сар сохтани хавфҳои иқтисодӣ, ки бинобар оқибати номуайяниҳо дар ҷаҳон меафзоянд, асос мегузорад.

Муътақидам, ки натиҷаҳои ҷамъомад дар кори таҳкими қаробати минтақавӣ ва фаровонҳолии тамоми Осиёи Марказӣ саҳми бузург хоҳанд гузошт.

**АИ «Дунё».**

# КОМЁБИИ МЕҲНАТИИ КИРМАКПАРВАРОНИ ВИЛОЯТИ БУХОРО

**_Кирмакпарварони диловари вилояти Бухоро дар ҷумҳурӣ аввалин шуда супоришоти шартномавии ба давлат супоридани пилларо сарбаландона иҷро карданд._**



Имсол дар вилоят беш аз 3 ҳазор хоҷагии фермерӣ ё ки қариб 40 ҳазор нафар звеною хонакорон 46 ҳазору 467 қуттӣ кирмак парвариш намуда, зиёда аз 2 ҳазору 700 тонна пиллаи хушсифат истеҳсол карданд. Ҳосилнокӣ дар миқёси вилоят аз ҳар қуттӣ 60-65 килограммӣ, дар звеноҳои пешқадам 85-100 килограммиро ташкил намуд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки масъулияти кластерҳои азнавкоркунӣ: дар ноҳияҳои Шофиркон ва Ғиҷдувон «Gijduvon ipak tola», дар ноҳияҳои Ҷондор ва Ромитан «Romstar», дар ноҳияҳои Вобканд ва Когон «Kumushkent ipagi», дар ноҳияи Бухоро «Silk geruis», дар ноҳияи Пешкӯ «IMANSTAR», дар ноҳияҳои Олот ва Қарокӯл «Qorako'l ipak cluster» афзуд ва ба кирмакпарварон шароити зарурӣ муҳайё карда шуд.

Дар комёбии имрӯза саҳми бонкҳои маҳаллии «Агробонк», «Микрокредитбонк», «Қишлоққурилишбонк», «Капиталбонк» низ арзанда гардид. Ба туфайли кумаки онҳо ба звеноҳо ба андозаи бештар аз 23 миллиард сӯм аванс дода шуд.

Барои ҳар як килограмм пиллае, ки аз нақша зиёдатӣ дода шуд, 40-45 ҳазор сӯмӣ мукофот гирифтани кирмакпарварон ба онҳо рӯҳбаландӣ бахшид. Аз баъзе андозҳо озод гардидан ва ҳангоми ба нафақабароӣ як сол стажи меҳнатӣ ҳисобида шудани як мавсими кирмакпарварӣ низ кормандони соҳаро дилгарм намуд.

Бо мақсади зиёдтар гардондани бошуғлфарогирии аҳолӣ имсол нисбат ба дигар солҳо 10 фоиз – 4,5 ҳазор қуттӣ кирмак зиёдтар дода шуд. Дар натиҷа онҳое, ки шомили «дафтарҳо» буданд, ҳам соҳиби кор ва ҳам соҳиби даромад гардиданд. Ҳамин тариқ, дар давоми мавсим 110 ҳазор нафар бо кор таъмин шуданд.

Дар вилоят сари сол 5 ҳазор килограмм тухми тут корида шуда, захираи 100 миллион бех ниҳоли тут фароҳам омад.

Ҳоло пилласупорӣ идома дорад. Баъди қабули ҳосили мавсимҳои якуму дуюм истеҳсоли пилла дар вилоят ба 3 ҳазор тонна мерасад.

Аз ҳисоби азнавкоркунии маҳсулот 850 тонна абрешими нимтайёр омода гашта, он содир мегардад.

Моҳҳои август-сентябр дар вилоят дар мавсимҳои сеюм ва чорум 6970 қуттӣ кирмак парвариш меёбад. То охири сол боз 400 тонна пилла дастрас мегардад ва даромади аҳли деҳот меафзояд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

**_Пиллапарварони вилояти Сурхондарё аз аввалинҳо шуда супоришоти кирмакпарвариро пеш аз муддат иҷро намуданд._**

# ПИЛЛАПАРВАРОНИ СУРХОН ДАР МАРРАИ ЗАФАР

Қобили қайд аст, ки ҳар сол кирмакпарварони воҳа сарбаландона аввалин шуда ба марраи зафар мерасанд. Шароити мусоиди иқлим, майдонҳои васеи тутзор ва таҷрибаи бойи кирмакпарварӣ мардуми меҳнатқарини воҳаро зафарманд мегардонад. Кирмакпарварӣ кори хеле заҳматталаб ва дар айни замон нозук ҳам мебошад. Бо андаке хатову иштибоҳ метавон кирмакро нобуд сохт ва ё ба паст шудани сифати абрешим роҳ дод.

Имсол пиллапарварон навъҳои маҳаллии ба иқлими маҳал мувофиқро парвариш намуда, аз 33 ҳазору 794 қуттӣ кирмак зиёда аз 1 ҳазору 960 тонна пилла ҷамъоварӣ намуданд, ки ин нишондоди хеле баланд аст. Ба ҳисоби миёна аз ҳар қуттӣ 58 кг ҳосил ба даст омад. Бо саъю ҳаракати рӯзушабонаи баъзе пиллапарварони пешқадам аз ҳар қуттӣ то 90 кг абрешими хушсифат ҷамъоварӣ гардид, ки ин нишондод барои пеш аз муддат ва барзиёд иҷро гардидани нақшаи солонаи шартномавӣ мусоидат кард. Ҳоло ҳам дар нуқтаҳои қабул ҷараёни супоридани пилла давом дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# ДАР ЯК НОҲИЯ БАРНОМАИ АЗ НОДОРӢ БАРОВАРДАН ТАТБИҚ МЕГАРДАД

**_Солҳои охир дар мамлакати мо барои бо шуғл таъмин кардани аҳолӣ, фароҳам овардани ҷойҳои навӣ корӣ, бо манбаи даромади хуб таъмин сохтани мардум корҳои бузурге иҷро шуданд._**

Ибтидо аз соли 2020-ум дар Ӯзбекистон ба масъалаи кам кардани нодорӣ эътибори махсус дода мешавад. Дар мамлакат мавҷудияти табақаи нодоронро эътироф кардан дар сиёсати соҳа гардиши аввалин буд.

Пештар мо ҳуҷҷати доир ба фаъолияти созмонҳои байналхалқии вобаста ба кам кардани нодорӣ (Poverty Reduction Strategy Paper)-ро бо каме тағйирот нишон медодем. Яъне аз мафҳуми нодорӣ чашм пӯшида мешуд.

Се сол муқаддам эътибор ба ин масъала тағйир ёфт. Рӯйирост эътироф гардид, ки дар мамлакат шумораи аҳолии нодор 12-15 фоизро ташкил медиҳад. Пӯшида нест, ки масъалаи кам кардани нодорӣ ба пешрафти иқтисодиёт вобаста мебошад. Аммо ҳам аз назария ва ҳам аз амалия маълум аст, ки танҳо бо пешрафти иқтисодӣ наметавон нодориро бартараф кард. Барои ин саъю ҳаракатҳои ҷиддӣ дар дараҷаи сиёсати давлат, чораву тадбирҳои зарурӣ лозиманд. Пеш аз ҳама бояд ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шаванд, барномаҳои иҷтимоӣ қабул гардида, ба амал татбиқ сохтани онҳо ба роҳ монда шавад.

Бинобар ҳамин ҳам дар доираи ислоҳоти маъмурӣ ба соҳаҳои мазкур вазорати масъул созмон дода, тамоми асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ фароҳам оварда шуданд. Ҳамчунин бори аввал дар мамлакат арзиши хароҷоти истеъмоли камтарин ҷорӣ гардид.

Барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ ба соҳибкории оилавӣ 15 триллион сӯм вом ва субсидияҳои имтиёзнок, барои кишоварзӣ 200 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуданд. Дар ҳамин давр тақрибан 300 ҳазор субъекти соҳибкорӣ ташкил гардида, фаъолияти 20 ҳазор корхона васеъ карда шуд.

Дар мамлакат масъалаҳои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, зиёд кардани даромади аҳолӣ ва ба ин тариқ дар охири соли 2026-ум камаш ду баробар кам кардани нодорӣ ба барномаи давлатӣ дохил гардид. Ҷамъомади Президент вобаста ба масъалаи баррасии кам кардани нодорӣ ва бо шуғл фарогирӣ низ далели тезонидани корҳои ин соҳа мебошад. Зеро дар он як қатор ташаббус ва ғояҳои нав пеш гузошта шуданд.

Минбаъд давлат ба соҳибкорони салоҳиятнок баробари ҷудо кардани маблағҳои зарурӣ бобати инфрасохтор, вом, андоз ва масъалаҳои дигар низ сабукиҳо пешниҳод менамояд ва ба фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ҳавасманд мекунад.

Дар асоси таҷрибаи Чин дар ҳар як вилоят барои аз нодорӣ раҳо кардани як ноҳия барномаи махсус татбиқ хоҳад шуд. Дар ҷараёни мазкур дар ноҳияҳое, ки нодорӣ бештар аст, ба беҳсозии роҳи нақлиёт, электр, алоқа ва инфрасохтори сайёҳӣ, инкишоф додани шаҳрҳои хурду миёна, маҳалликунонии саноат эътибори алоҳида дода мешавад. Дар натиҷаи ин саъю ҳаракатҳо бисёр шаҳрвандони мо соҳиби ҷойи кори доимӣ ва даромад мегарданд.

Эътимоди комил дорем, ки пешниҳодҳои дар ҷамъомад изҳоршуда барои кам кардани нодорӣ ва зиёд намудани шуғли аҳолӣ омили муҳим мегарданд, дараҷаи ҳаёти одамон, ҳамчунин шароити зисти онҳо беҳтар мешавад.

**Анвархон ТЕМИРОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

**ХАБАРҲО**

# ҶАШНВОРАИ «ЭҲТИРОМ БА МОДАРОН» ҶАМЪБАСТ ГАРДИД

**_Модарон сазовор ба ҳар гуна эҳтироманд. Бо мақсади нишон додани эҳтиром ба онҳо чанде пеш дар яке аз ноҳияҳои вилояти Фарғона чорабинии маънавӣ-фарҳангӣ гузаронида шуда буд. Баъдтар чорабинии ноҳиявӣ дараҷаи вилоятӣ касб намуд._**




Инак, бори сеюм дар ин вилоят ҷашнвора бо унвони «Эҳтиром ба модарон» сурат гирифт. Барномаи калони консертӣ дар давраи ҷамъбастӣ бо иштироки ҳунарпешагони маҳаллӣ ва номвар рӯйи кор омад. «Боғи эҷодкорон» воқеъ дар шаҳри Марғилон ба идгоҳ табдил ёфт ва амфитеатре, ки дар ҳудуди боғ воқеъ аст, бештар аз якуним ҳазор нафар модаронро ба меҳмони азиз табдил дод. Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров ба сухан баромад ва оиди эътиборе, ки нисбати ҷинси латиф, хусусан модарон дар мамлакатамон дода мешавад, ҳарф зад. Таъкид сохт онҳоро ҳар қадар эҳтиром созем ва хидматашон ба ҷо оварем, кам аст. Назар ба суханони ӯ соли гузашта дар вилоят шуғли зиёда аз 48 ҳазор нафар занону духтарон таъмин шуд, баҳри ба соҳибкорӣ ҷалбшавии бештар аз 22 ҳазор нафари онҳо зиёда аз 405 миллиард сӯм кредит ҷудо гашт, 23 ҳазор нафар бонувон ба омӯзиши касбу ҳунар ва асрори соҳибкорӣ ҷалб карда шуданд.

Вазири сайёҳӣ ва маданият Озодбек Назарбеков изҳор намуд, ҷашнвораи «Эҳтиром ба модарон» дар роҳи нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ хидмати сазовор мекунад ва меарзад он дар миқёси ҷумҳурӣ ташкил карда шавад. Бигузор иди зикршуда ба ҳар маҳалла ворид гардад, гуфт дар фурӯварди сухан вазир.

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

# ТОЗАГӢ – ГАРАВИ САЛОМАТӢ

**_Агар чангу ғубор намешуд, одам ҳазор сол умр медид, ҳанӯз ҳазор сол муқаддам пешгӯӣ карда буд ҳакими бузург Абӯалӣ ибни Сино. Ин гуфтаи табиби ҳозиқ ва ҳакими бузург водор месозад, ки мо ба тозагӣ бештар риоя намоем, атрофу акнофамонро поку тамиз нигаҳ дорем. Зеро аксар маризиҳо аз нопокӣ сар мезананд._**

Мебинем, ки дар атрофи ошхонаҳои шаҳр партовҳо зиёданд, бӯйи нохуши пӯсту пасмондаҳои сабзавоте, ки барои таом истифода шудааст, ба атроф паҳн мегардад. Ё худ зарфҳои холии полиэтилении обҳои ташнагишикан, хоса рӯзҳои гармои тобистон ба ҳар куҷо афканда мешаванд, дар натиҷа атроф пур аз партовҳову ғализиҳо мегардад. Ин ба нотозагии муҳити атроф оварда мерасонад. Боре садорати экология ва ҳифзи муҳити атрофи вилоят ҳашар гузаронд ва ходимон дар як маҳалли истироҳатии домани кӯҳсор корҳои тозакуниро анҷом доданд. Дар натиҷа даҳҳо тонна партовҳо ҷамъоварӣ шуданд.

Мегӯянд, ки фариштаҳо ба макони тозаву озода меоянд. Дини мубини мо ҳам ба тозагиву покии рӯҳу бадан ва ҷойи зист ҳидоят месозад.

Борҳо дар назди муассисаҳои таълимӣ, табобатӣ ва ғайра ба набудани дастшӯякҳои оддӣ гувоҳ шудаем.

Дар як сайри наврӯзии назди варзишгоҳи мактаб тақрибан ҳазор одам ҷамъ омада, барои онҳо хони зиёфат густурда шуда буд. Аммо бинобар набудани дастшӯяк ҳама аз кӯча даст нашуста, назди хон нишастанд...

Ба чунин манзараҳо бисёр дучор меоем. Чаро мо таъбири машҳури «тозагӣ – гарави саломатӣ»-ро фаромӯш кардаему ба он кам риоя мекунем?!

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ДАР ҚАРАВУЛБОЗОР ХАРБУЗА ПУХТ

**_Ноҳияи Қаравулбозор дар самти шарқӣ-ҷанубии вилояти Бухоро воқеъ гардида, бобати зироатпарварӣ душворӣ, қулаӣ ва иқлими ба худ хос дорад. Дар ин ҷо деҳқонони асил ва матинирода баҳри ободию фаровонии диёр заҳмат мекашанд._**



Дар вилоят аввалин шуда пухта расидани харбуза инро собит месозад. Имсол деҳқонон дар 1,2 гектар гармхонаи кооператсияи «Қаравулбозор томорқа экспорт» харбузаи навъи пешпази «Дакара» корида парвариш карданд. Истифодабарӣ аз технологияи «чакраоб» самараи дилхоҳ дод. Деҳқонон ният доранд, ки аз киштзор қариб 30 тонна ҳосил гиранд. 15 май харбузаҳои расида дастраси истеъмолкунандагон гардид. Бояд таъкид намуд, ки дар ноҳия оилаҳое, ки дар қитъаҳои наздиҳавлӣ моҳи феврал харбузаю тарбуз коридаанд, кам нестанд. Рӯзҳои наздик баробари харбузаҳои ширини навъҳои «Дакара»-ю «Аэропорт» тарбузҳои пуршаҳди ин ҷо низ боиси афзудани файзи дасторхон мегардад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ЯРМАРКА ДАР «БОЗОРИ ДЕҲҚОНИИ ФАРҲОД»

**_Аз ҷониби идораи бюрои иҷрои маҷбурии назди Сарпрокуратураи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд дар қаламрави «Бозори деҳқонии Фарҳод» ярмаркаи бойигариҳои моддии амволи арзоншуда ташкил карда шуд._**

Бештар аз як миллиард сӯмина бойигариҳои моддӣ барои фурӯш гузошта шуданд. Асосан талабу эҳтиёҷи истеъмолгарон ба назари эътибор гирифта шуда, либоси бачаҳо ва калонсолон, воситаҳои техникаи маишӣ, маҳсулоти озуқаворӣ ва дигар навъҳои амвол ба растаҳо гузошта шуданд. Оиди иҷрои бештар аз 200-то ҳуҷҷат дар ярмаркае, ки рӯйи кор омад, бештар аз 200 миллион сӯмина бойигариҳои моддӣ фурӯхта шуд. Нисбатан арзон ва ҳамёнбобии нархҳо харидоронро мамнун намуд.

Чорабинӣ ба пешвози 1 июн – «Рӯзи байналхалқии бачаҳо» баргузор гашт. Дар баробари калонсолон бачаҳо ва наврасон дар ярмарка иштирокдор буданд.

# ТАМАЪГАРОН БА ДАСТ АФТОДАНД

**_Назар ба маълумоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон дар ду пункти назоратӣ-воридсозии ҳамҳудуд бо Ӯзбекистон ҳолатҳои ба тамаъгарӣ машғулшавии сарҳадбонони ин кишвар ба мушоҳида расидааст._**

Барои гузаронидан аз сарҳад аз 50 то 1000 сом талаб карда шудааст. Вақте шаҳрвандон пул намедиҳанд, ҳарбиён бо ҳар баҳона онҳоро ба шиканҷа гирифтаанд. Алъон чаҳор нафар сарҳадбонони қирғиз, ки тамаъгарӣ кардаанд, ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ЧОРВОДОРӢ ЭЪТИБОРИ МАХСУС МЕХОҲАД

**_Семинари навбатии ҳокимияти вилояти Қашқадарё соҳаи чорводориро фаро гирифта, дар яке аз ноҳияи чорвопарвари қаламрав – Муборак баргузор гардид._**

Муротҷон Азимов – ҳокими вилояти Қашқадарё аз ҷумла гуфт, ки чорводорӣ аз қадим шуғли дӯстдоштаи мардуми мо ба ҳисоб меравад ва яке аз ҳафт хазина маҳсуб меёбад. Агар дар соҳаи чорводорӣ сидқан меҳнат бикунанд, даромади шоёне ба даст хоҳад омад. Иқлим ва муҳити зист дар кишвари мо ба соҳаи чорводорӣ хеле мусоид аст ва аз ин ҷост, ки бошандагони қаламрав ба соҳаи мазкур эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Аммо ба таъкиди ӯ талаботи рӯзафзун ба маҳсулоти гӯшту шир дар бозори дохиливу хориҷӣ сарваронро водор кардааст, ки ба ривоҷи соҳаи чорводорӣ эътибори махсус диҳанд. Таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза яке аз нақшаҳои стратегии ҳукумат ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки ташкили хоҷагиҳои фермерии ба чорводорӣ махсусгардонидашуда ва ҳамчунин дар байни аҳолӣ зиёд намудани саршумори чорвои калону реза ба дастури махсуси ривоҷ додани соҳаи мазкур ворид гаштааст ва кунун бо роҳандозӣ шудани ислоҳоти иқтисодӣ дар саросари кишвар тарҳҳои махсусе рӯи даст қарор доранд, ки маҳз ба пешбурди соҳаи чорводорӣ нигаронида шудаанд.

Дар ҷараёни дидору мулоқот таъкид гардид, ки имрӯз дар ноҳияи Муборак 139 хоҷагии фермерии махсуси чорвопарварӣ амал мекунанд ва фаъолияти хубу муназзаме мебаранд. Як қисми талаботи бозори дохилии вилоят ба маҳсулоти гӯшту шир бар зиммаи фермерҳои чорводори ноҳияи Муборак вогузор аст ва онҳо ин корро сарбаландона иҷро мекунанд.

Дар семинар роҳбарони секторҳои вилоят аз мушкилоти имрӯзи чорводорони ноҳияи Муборак воқиф гардида, ваъда доданд, ки дар зудтарин фурсат роҳҳои ҳалли онҳоро пайдо хоҳанд намуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё**

**_Одамон дар ин маҳалла аз бесарусомониҳои зиёд норозианд ва ҳамеша бо шиква лаб во мекунанд. Сухан дар бораи маҳаллаи «Қизилқум»-и ноҳияи Фориш меравад._**

# МАНЗАРАИ ЯК МАҲАЛЛА

Дар ин маҳалла беш аз чаҳор ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Заминҳои бекорхобидаи гирду атроф баъди кофтани чоҳҳои обкашӣ ва артезианӣ корам карда шуд. Ва ин заминазхудкунӣ айни ҳол аз ҳад гузаштааст ва ҳазорҳо гектарро ташкил мекунад. Дар натиҷа ба он оварда расонд, ки ба чорвои резаву калон: гову бузу гусфанди мардум чаро хеле кам мондааст. Аз ҷониби дигар соҳибони ин заминҳои корам барои ба кор даровардани насосҳои обкаши худ аз хати электре, ки ба аҳолии маҳаллӣ кашида шудааст, пайвастанду ба пастшавии қувваи электр оварда расонданд. Ҳоло одамон аз пастии қувваи барқ азият мекашанд. Насосҳои об кор намекунад, аз чоҳҳо об намебарояд.

Порсол мувофиқи Барномаи давлатии «Обод маҳалла» барои обёрӣ намудани заминҳои наздиҳавлигии аҳолии маҳаллӣ барои 30 хонавода якто артезиан кофта доданд. Ҳамчунин ба ҳавлии ҳар як оила хати оби ошомиданӣ кашида шуда буд. Аммо бо ким-кадом сабабҳо ин кор то ҳол ба охир нарасидааст.

Ба наздикӣ аз Шӯрои фермерон, қитъаҳои замини наздиҳавлигии вилояту ноҳия, мутахассисони соҳаи замину оби ҷумҳурӣ ба ин маҳалла омада, бо одамон вохӯрданд. Аз телевизиони вилоят омаданд. Ҳама аз ин муаммоҳои ҳалталаб ҳарф заданд. Барои эҷобӣ ҳалли худро ёфтани масъалаҳои номбаргардида аз мутасаддиён ёрӣ пурсиданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ЗИ КӮЗА ОН ТАРОВАД, ҲАРЧИ ДАР ӮСТ,

## ё худ чанд андеша роҷеъ ба олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз забон ва адабиёти тоҷик

***Ҳар сол чун анъана байни мактабҳои таълимоташон миёнаи умумӣ, литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбиву ҳунарӣ олимпиадаи фанҳо (фанҳои асосӣ) баҳри муайян намудани қобилияту салоҳияти хонандагон дар чор зина баргузор мегардад. Зинаи чоруми олимпиадаи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар вилояти Фарғона баргузор гардид.***

Банда чун узви ҳайати ҳакам дар ин олимпиада ҳузур доштам. Дар ин зинаи озмун хонандагон аз вилоятҳои Қашқадарё, Фарғона, Самарқанд, Ҷиззах, Сурхондарё, Намангон, Тошканд, Навоӣ ва Сирдарё сенафарӣ, ҷамъ 27 нафар ширкат варзиданд.

Рӯзи аввали озмун хонандагон иншои эҷодӣ навиштанд, рӯзи дуввум аз фанни забон ва адабиёти тоҷик донишашонро ба тариқи тест санҷиданд.

Азбаски ба ҳар синфхона мувофиқи Низом роҳбар ва нозир таъин гардида буд, ҳайати ҳакам ҳуқуқи ворид шудан ба синфхонаро надошт. Хонандагон баъди мушаххаснамоии мавзӯъ таҳти назорати видеокамераҳои синфхонаҳо дар мӯҳлати муайянгардида иншоҳои эҷодиашонро ба охир расонда, ба масъулон супурданд. Масъулони синфхонаҳо ба ҳар иншо коди махсус гузошта, барои санҷиш ба дасти мо доданд. Яъне мо намедонистем, ки иншо ба қалами кӣ мансуб аст, ҳарчанд ки ягон нафари онҳо барои мо шинос набуд ва рафти кори мо низ таҳти назорат қарор дошт.

Пеш аз оғози санҷиши иншоҳо устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ф.Исомиддинов таъкид кард, ки ба ҳаққи касе набояд хиёнат кунем.

Иншо як навъи нақли хаттист, ки эҷодкориро тақозо мекунад. Иншоҳои хонандагон, ки ҳама дар як мавзӯъ навишта буданд, аз салоҳият, қобилият, тафаккуру ҷаҳонбиниву саводнокии онҳо гувоҳӣ медоданд. Дар баробари он ки иншоҳои хубу аъло аз ҷониби чанд хонанда иншо ёфта буд, иншоҳое низ ба чашм расиданд, ки мақоли «ранг бину ҳол пурс»-ро ба ёд меовард. Ҳошияи ҳар сатри саҳифаҳо аз нишондоди ғалатҳо рангин шуда буданд.

Мувофиқи меъёр ба иншои хонандагон 50 холи максималӣ муқаррар шуда бошад ҳам, касе аз хонандагон натавонист иншояшро ба ин меъёр расонад. Муҳимтар аз ин, даъвоҳои беасос, ки гӯё ба хонандагон холи паст гузошта бошем, маро дилгир кард. Ҳатто муаллимони хонандагон шогирдонашонро водор карданд, ки барои корро аз нав санҷидан ариза нависанд.

Мувофиқ ба меъёри баҳогузорӣ ба иншо ду навъ баҳо гузошта мешавад: яке барои мазмун (то 30 хол) дигаре барои саводнокӣ (то 20 хол).

Чанде аз иншоҳо дубора санҷида шуд.

Дар ҷараёни тест ҳам мувофиқи Низом ҳайати ҳакам ширкат наварзид ва масъулони озмун баъди кодгузории варақаи ҷавобии тестҳо онро барои санҷиш ба мо доданд. Саволномаи тест аз ҷониби Маркази тести ҷумҳурӣ мураттаб гардида, дар он ҳеҷ гуна ғалати имлоиву техникӣ ба назар намерасид. Калиди тестҳо аз ҷониби ҳайати ҳакам санҷида шуд, мувофиқати он ба саволномаи тест тасдиқ гардида, баъди он дар асоси ҳамон калиди тест варақаҳои хонандагон санҷида шуд. Ҳар хонанда мувофиқ ба ҷавобаш холҳоеро сазовор шуд.

Чизе, ки моро дар иҷрои тестҳо дар ҳайрат гузошт, аз 50 холи максималӣ 12-13 хол гирифтани баъзе аз иштирокдорони озмун буд. Бояд зикр кунам, ки саволнома дар асоси Барномаи таълимӣ, китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик мураттаб гардидааст. Саволҳо душвор набуд, аз қабили: решаи калимаро нишон диҳед, сохти калимаро муайян кунед. Ин ҷумла ба кадом навъи ҷумлаи соддаи яктаркиба мансуб аст? Ин ҷумла ба кадом хели ҷумлаи пайрав мансуб аст? ва ғайра, ки ҳамаи ин мавзӯъҳо дар мактаб таълим дода мешаванд. Ҷавоби дурустро нишон дода натавонистани хонандагон аз чӣ гувоҳӣ медиҳад? Ҳатто як рубоии Хайём оварда шуда, муайян кардани жанри он супориш дода шуда бошад ҳам, баъзе аз хонандагон ба ҳамин савол ҳам ҷавоби дуруст нагардондаанд. Дар натиҷа, аз кӯзаҳо ҳамон таровид, ки дар он буд.

Бо боварии том мегӯем, ки дар ин озмун ҳақ ба ҳақдор расид. Мо, се нафар ҳайати ҳакамон, ки аз ноҳияи Сӯх будем, чаро як нафар сӯхиро натавонистем ба зинаи боло барорем? Магар ин хиёнат ба ҳаққи кас?

Офарин ба ғолибон! Ҳалолатон бод! Холе, ки соҳибӣ кардед, натиҷаи меҳнати шумост, натиҷаи заҳмати устодони шумост. Барои шумову устодонатону волидонатон ҷойҳои ифтихорӣ муборак бошад!

**Ҷумъаи ҶАМОЛ,**
**узви ҳайати ҳакам, устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона.**

# АЗ АДАБ ПУРНУР ГАШТАСТ ИН ФАЛАК

***Адаб тоҷест аз нури Илоҳӣ,***
***Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.***

Ин байти яке аз шахсиятҳои машҳури ҷаҳон, зодаи хоки Балхи бостон, ҳаким, шоир, сӯфӣ, ҷомеашинос Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ) мебошад, ки дар мавриду қиммати адаб аст. Хӯш, Мавлоно бо ин ду мисраи зебо адабро чӣ гуна баён намуда, аз кадом дидгоҳ ба он қаробат ҷустааст? Сараввал, шоир адабро ба тоҷе ташбеҳ мекунад, ки он зару нуқра ё дигар навъи ҷавоҳирот набуда, балки аз нури илоҳист. Дар мисраи дуввум ба ҳамагон панду насиҳат мекунад, ки ин тоҷ (адаб)-ро бар сар ниҳанд, яъне ба худ пазиранд, боадаб шаванд ва ҳар ҷое хоҳанд, бираванд.

Шояд суоле ба миён ояд, модоме ки адаб чунин неъмати бузург аст, онро чӣ гуна аз куҷо ба даст овардан мумкин? Сарчашмаи асосии он чист? – Адабиёт.

Адабиёт аслан аз вожаи арабии адаб гирифта шуда, маънои ахлоқи некӯ, поктинатӣ, кирдори писандидаро дорад. Адаб бошад, аз решаи «маъдаба» гирифта шуда, маънои одамонро ба некӣ, зиёфати маънавӣ даъват намуданро дорад. Пас, адаб ба таври кулл некӣ аст. Сухан ва амали писандидаро низ адаб ё одоб мегӯянд. Адабиёт ба насли наврас, ҷавонон, умуман, ҳамаи табақаҳои ҷамъият бо чӣ соҳиби адаб шуданро меомӯзонад.

Аҳамияти адаб ниҳоят калон буда, ҷомеае, ки бо одобҳои писандида зинат ёфтааст, гул-гул мешукуфад. Мавлоно Балхӣ дар ҷойи дигар фармудааст:

*Одамизод агар беадаб аст,*
*одам нест,*
*Фарқ дар байни бани одаму*
*ҳайвон адаб аст.*

Бинобар ин, гузаштагони мо кӯшиш намудаанд, то фарзандону наврасон ва ҷамъиятро бо адаб зинат диҳанд. Пайғамбар алайҳиссалом ҳам дар ҳадисе фармудаанд: «(Ҳеч як) падару модар ба фарзандаш аз одоби зебо афзал чизе дода наметавонад». (Имом Тирмизӣ). Яке аз ниёгони машҳури мо Абунасри Форобӣ низ таъкид намудааст: « Ҳар як шахс соҳиби касбу кори мукаммал, тарбияи дуруст, хулқу одоби накӯ ва фазилатҳо бояд бошад».

Барои ҳамин ба тарбияи насли наврас ҳамеша аҳамияти калон додаанд ва имрӯзҳо ҳам ба он таваҷҷӯҳи зиёд дода шуда истодааст. Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани адабиёти кӯдак барои бароварда кардани ҳамин эҳтиёҷи муҳими ҷомеа буд.

Адабиёти кӯдак (атфол, бачагона) навъе аз адабиёт буда, бо синну соли мухотабонаш аз дигар адабиётҳо фарқ мекунад. Он содаву равон, оммафаҳм буда, чи тавре ки аз номаш маълум аст, махсуси кӯдакон ва наврасон мебошад.

Яке аз жанрҳои асосӣ ва нисбатан калони адабиёти кӯдак афсона мебошад. Афсона, қисса, достон жанри ҳамосавии фолклорӣ буда, як навъ ҳикояҳои насри шифоҳиест, ки мазмунҳои тамсилӣ, маишӣ-реалӣ ё сеҳромезӣ доранд. Афсона аз замонҳои қадим дар байни халқи форстоҷик асосан ба таври шифоҳӣ мавҷуд буд. Сипас қисмате аз он афсонаҳо ба рӯйи коғаз оварда шуданд.

«Дарахти асурик» яке аз афсона (ё достон)-ҳои қадимаи тоҷикон мебошад. Он ба таври мунозира – баҳсу гӯфтугӯйи ду кас иншо шудааст. Образҳои асосии достон буз ва дарахти осурӣ мебошад, ки ҳар ду сифатҳои худро баён намуда, яке дигареро таънаву маломат мекунад. Навъи афсона тамсилӣ мебошад. Дар мунозира буз роли халқи оддӣ, дарахти осурӣ бошад, нақши ҳокимиятро бозидааст. Мунозираи ин ду бо ғалабаи буз анҷом меёбад. Яъне, буз исбот мекунад, ки аз ӯ дарахти осурӣ боманфиаттар аст.

Танҳо аз ҳамин афсонаи чандин ҳазор сол пеш навишташуда метавон гуфт, ки афсона маҳсули хаёл бошад ҳам, арзиши баланди тарбиявӣ ва таълимӣ дорад. Зеро чун навҷавони ҳанӯз ширинию талхии рӯзгорро начашида, ин афсонаро мутолиа мекунад, ба ғайри манфиати мутолиа ғолиб омадани ростиву адлро низ сарфаҳм меравад. Дарк мекунад, ки манфиати аксарият аз ақалият болост.

Дар байни аксарияти халқҳои ҷаҳон маҷмӯаи афсонаҳои «Калила ва Димна» шӯҳрати зиёд дорад. Кӣ будани муаллифи китоби мазкур маълум набошад ҳам, аз тарафи бисёриҳо таҳрир, ё аз сар таълиф ва ё ба шакли манзума дароварда шудааст. Умуман, аз он ба таври фаровон истифода намудаанд. Аз ҷумла, онро устод Рӯдакӣ ба назм дароварда, Мавлоно бошад барои баёни андешаҳояш аз ҳикояҳои «Калила ва Димна» истифода намудаашро худ дар «Маснавии маънавӣ» овардааст:

*Аз Калила бозҷӯ он қиссаро,*
*В-андарон қисса талаб кун*
*ҳиссаро.*

Дар байти мазкур Мавлоно дар баробари ишора аз «Калила ва Димна» будани қиссаи овардааш, таъкид кардааст, ки ин китобро пайдо намуда, хонда, аз он ҳиссаҳо гирифт, яъне, мақсади он қиссаҳоро бояд фаҳмида, дар ҳаёт татбиқ намуд.

Китоби «Калила ва Димна» дар адабиёти бузурги мо ҷойгоҳи баланд дорад. Таълифи беҳтарин, нисбатан сода ва мукаммали он аз тарафи Ҳусайн Воизи Кошифӣ сурат гирифтааст. Китоби мазкур, ки дар борааш мухтасар маълумот додем, арзиши худро то ба ҳол гум накарда, афсонаҳои онро хурду калон бо шавқу завқ мутолиа намуда, ғизои маънавӣ мегиранд. Барои ҳар як тоҷик бошуурона хондани китоби «Калила ва Димна»-ро маслиҳат медиҳем.

«Ҳазор афсона», «Ҳазору як шаб», «Абумуслимнома», «Самаки айёр», «Чор дарвеш» ва чандин асарҳои дигар низ саршор аз афсонаҳо буда, барои тарбияи насли наврас тӯли чандин аср хидмат кардаанд. Имрӯзҳо ҳам дар китобҳои дарсии мактабӣ аз афсонаву ривоятҳо иқтибосҳо оранд, хеле хуб мешуд. Зеро ин китобҳо мероси гузаштагони мо мебошанд, ки ворисони онҳо ҳаққи аввалиндараҷаи истифодаю баҳрабардорӣ аз онҳоро доранд. Дар дарсҳои хониши берун аз синф ҳам ба ин мероси гаронбаҳо омӯзгорон бояд эътибори алоҳида диҳанд.

Гузаштагони мо шабҳои дарози зимистонро бо мутолиа намудани ҳамин гуна китобҳо мегузаронданд. Онҳо одатан, дар як хона ҷамъ омада, бо китобхонӣ машғул мешуданд. Дар аснои хондани қиссаҳо муҳокимаву мулоҳизаҳо ҳам мешуд. Қиссагӯӣ, ё афсонахонӣ омиле буд барои ҷамъу муттаҳид гардидани одамон. Модарон низ ба фарзандони худ шабҳо дар сари болини онҳо афсонагӯӣ мекарданд. Имрӯз, ҷомеаи мо муҳтоҷи одатҳои фаромӯшшуда мебошад, ки аз нав бояд ҷорӣ кард...

Дар ду қарни охир адабиёти кӯдаки тоҷик хеле ривоҷ ёфта, афсонаҳои зиёд аз тарафи нависандагон эҷод шудаанд, ки хонандагон метавонанд аз онҳо баҳра бардоранд.

(Давомаш дар саҳ.4).



*Дар мактаби мусиқа ва санъати 7-уми бачагонаи шаҳри Зарафшони вилояти Навоӣ дар 11 самт маҳфил ташкил карда шудааст ва 300 нафар хонандаро дар бар гирифтааст. Аз ҷумла, дар самтҳои иҷрокунандаи эстрадӣ, фортепиано, асбобҳои мусиқии халқӣ, санъати театр ҷавондухтарону ҷавонписарон иқтидор ва салоҳияти худро ташаккул дода, дар чорабиниҳои оммавӣ, тантанаву шабнишиниҳои адабӣ фаъол иштирок менамоянд.*

***Дар сурат:*** *дар мактаби мусиқӣ ва санъати 7-уми бачагонаи шаҳри Зарафшони вилояти Навоӣ.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

***Ба жанри сароядагии «Шашмақом» калону хурд таваҷҷуҳи зиёд дорад. Мегӯянд, ки сароядае аз шашмақом оғоз намояд, дигар жанрҳои сароядагиро ба хубӣ азхуд мекунад.***

# «ШОМИ МЕҲР»

Овозхони ҷавон, сароядаи «Шашмақом» аз Тоҷикистон Хуршед Иброҳимзода тайи чанд рӯз меҳмони Ўзбекистон аст. Аз кафкӯбиҳои бардавом ва «офарин»-гӯиҳои тамошобинон маълум буд, ки ҳунари овозхонии ӯро қадр менамоянд.

Барномаи консертии Х. Иброҳимзода бо номи «Шоми меҳр» дар Самарқанд бо иштироки Ҳунарпешаи халқии Ўзбекистон ва Тоҷикистон Мардон Мавлонов ва дар Тошканд бо иштироки Ҳунарпешаи халқии Ўзбекистон Оғабек Собиров барпо гардид.

Таронаҳои «Мустаҳзод», «Ин ҷо ғариб», «Ба чашми мо биё», «Тановор», «Бозургонӣ» ва ғайраро, ки аз ҷониби ҳофизони номдор, аз ҷумла, Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов, Боймуҳаммад Ниёзов, Таваккал Қодиров сароида шудаанд, бо маҳорат иҷро намуд.

«Шоми меҳр», ки тараннуми дӯстӣ, бародарӣ ва шукронаи Ватани ободу зебо буд, қалби ҳаводорони таронаву сурудро тасхир намуд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

*Абдулҳамид САМАД*

# ҲАМСОЯҲО

*(Ҳикоя)*

Вале шикваи ҳамсояи соҳибмансабамон аз ҳамсояи наваш ҳайратовар буд. Вай гоҳе бо ҳазл, гоҳе ҷиддӣ мегуфт:

– Чӣ кор кунем? Ягон маслиҳат диҳед.

– Чӣ мушкиле ба саратон омад?

– Ҳамсояи нав ба дилам зад.

– Чаро?

– Занаш ҷудо, фарзандонаш ҷудо, боз худаш аз мо як чизҳое мепурсанд, ки...

– Наход?

– Туҳмат не, – бо ришханд гапашро идома дод мард, – дина тақ-тақи дарамон ба гӯш расид. Дарро кушоданд. «Ба раис гап дорам», – овозашро шунидам. Салом додаму «марҳамат» гуфтам. «Не, ҳозир вақт надорам, – гуфт бо хандаву хоҳиш кард: – Як пиёла равғани зағир медодед».

Дар ҳайрат афтода, ҷавоб додам: «Мо ҷувоз надорем».

– Медонам-медонам, – гуфт: – Лекин равғани зағир доред...

– Аз куҷо донистед? – пурсидам.

– Аз бӯяш, дирӯз, бегоҳӣ... Бӯйи равғани зағир аз ошпазхонаи шумо омад...

– Бӯйгири нағз будаед.

– Ҳа. Худо ба ман бӯйгириро доду ба шумо равғани зағирро, – гуфт бо ханда:

– Кам намешавед-ку, як пиёла равған диҳед, ки оши палави мо ҳам боре бӯйи равғани зағир бикунад...

– Додед? Шарм накард?

– Э не... Касе аз Худо шарм надорад, аз ҳамсоя мешармад?

Магар аз беору гадонусха раҳо меёбед? Додам...

Оре, ҳамсояҳо дар ҳама ҷо гуногунхислатанд.

Бомдоди фасли тобистон чун ба сайру ҳавохӯрӣ мебароям ва ҷониби майдони варзиши кӯдакону ҷавонон меравам, ҳамеша суроби пиразани резапайкар, ки ду зарфи пуроб дар даст дорад, бо саги хонапарварди зебояш ба чашмам мерасад. Саги тозаву озодаи хушҳол пеши соҳибаш метозад ва гоҳе ба фавҷи майнаҳои моҷароангез ё зоғҳои фитнагар, – аз пайдо шудани сагча бо ғавғо бонги хатар мезананд, – ҳамлавар. Пиразан бо коҳише вафодорро ба риояи тартибу оромӣ мехонад. «Эй бача, беадабӣ накун». Сагак бе ак-ак хоҳиши соҳибашро мепазирад. Пиразан бо навбат бехи навниҳолони сӯзанбаргу арча, гулбуттаҳо сатилсатил об оварда мерезад, ки дар нафаси гармӣ нахушканд. Сипас осудаҳол бо вафодораш сайри маҳалларо идома медиҳад. Аммо накукорӣ ва хайру эҳсони холаи Ниҳол фасли зимистон, вақте ки шохи дарахтону замин зери кӯрпаи барф мемонанду яхбандӣ мешавад, аён мегардад. Дар ин рӯзҳо парандагони нотавони маҳалла: кафтару қумриву гунҷишкакон, ҳатто майнаҳои ҷасур зору ҳайрон мемонанд. Ҳама чиз дар зери барф. Аз куҷо дону хӯрдание биёбанд, ки мадори дилу тан шавад ва аз ҷабри сармои шадид бираҳанд? Ана, дар ҳамин рӯзу соати «қаҳтӣ» холаи Ниҳол ба имдоди мурғакони гурусна мерасад. Вай дар гулбоғи барфпӯши шафати роҳрав барои мурғон хони зиёфат меорояд. Пешакӣ пиразан ғами таъмини ғизои мурғонро мехӯрдааст...

Бомдод, нимрӯзӣ ва қариби шом болои барф панҷа-панҷа дону нонреза мепошад. Беҳтарин саховат, олам-олам савоб. Роҳгузарон болои ях бо эҳтиёт қадамзанон аз дидани ин манзара, албатта, шоду дилгарм мешаванд.

Эҳе, аз чор тараф парандагони гурусна болзанон омада, ба атрофи хони зиёфати холаи Ниҳол мешинанду ҳарисона ба базми дончинӣ шурӯъ мекунанд. Аввал мурғакон ҳамдигарро бо минқор ё бол зада меронанд, вале чун серу осуда шуданд, ҳар кадом бо хонишаке базми шукрона меороянд. Холаи Ниҳол аз паси тирезаи даҳлез айнак дар чашм, бо меҳр мурғаконро тамошо карда, ҳаловат мебарад.

Ана ҳамин тавр хӯву хислат ва рафтору кирдори ҳамсояҳо ҳар хел буда, ҳар кадом дар ёд ҳар хел мемонад.

# ВОХӮРӢ БАЪДИ НИМ АСР

Имсол ба донишкадаро хатм кардани мо – донишҷӯёни собиқи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии педагогии Самарқанд ба номи устод Садриддин Айнӣ панҷоҳ сол пур мешавад. Ниятӣ омӯзгории фанҳои дӯстдошта – мо – дастпарварони мактабҳои тоҷикии вилоятҳои гуногунро соли 1969 сӯйи «Сайқали рӯйи Замин» – Самарқанди бостонӣ оварда буд. Ба бештар аз сӣ нафарамон бахти донишҷӯӣ насиб кард. Рӯзҳо мегузаштанду дар давраи таҳсил, пахтачинӣ, ҳангоми кор дар сохтмону рӯзҳои таътил дӯстии байниҳамдигарии мо – ҳамдарсон нумӯъ меёфт. Ҳар як рӯзи давраи студентӣ бо воқеаю рӯйдодҳои худ барои мо гӯё таърихӣ буд. Машғулияту сабақҳои устодону омӯзгорон, ки баҳри обутоби мо хидмат мекард, дар лавҳи хотирамон нақши абадӣ гузоштааст. Имрӯз, мутаассифона, аксарияти онҳо байни мо нестанд, вале хотираи некашон дар дили ҳар яки мо – шогирдон маъво дорад. Самариддин Аслиддинов, Восеъ Қосимов, Шавкат Шукуров, Лӯъбат Назарова, Абдуаҳад Мирсафоев, Абдумӯъмин Фаттоев, Султон Иброҳимов, Рауф Маъруфов, Амон Воҳидов, Бахтиёр Насриддинзода, Салим Кенҷа, Аминҷон Аҳмадҷонзода, Хуршед Қамар, Малик Адашев, Азиза Юсуфӣ, Сабоҳат Умарова, Парда Холов ва дигарон баҳри ташаккулёбии ҳар яки мо чун омӯзгор саҳми арзанда доранд. Шоир беҳуда нагуфтааст:

*Фаромӯш макун ҳаққи*
*устоди илм,*
*Ки бар ҳиммати ӯст,*
*бунёди илм.*
*Агар дар дилат меҳри*
*устод нест,*
*Ба дасти умеди ту ҷуз*
*бод нест.*

Солҳои минбаъда аз байни ҳамдарсон роҳбарони мактабу маҳалла, рӯзноманигорону адибон, соҳибони мукофотҳои давлатию аълочиёни таълими халқ, депутату санъаткорон ба воя расиданд. Рӯдакии бузург беҳуда нагуфтааст:

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи*
*дӯстон.*
*Ҳеҷ талхӣ нест бар дил*
*талхтар,*
*Аз фироқи дӯстони пурҳунар.*

Ин мисраъҳои ҳаётии қариб ҳазору дусадсола, панди рӯзгори сардафтари адабиёти кулли форсизабонони олам то дунё ҳаст, ҳамеша пойдор хоҳад монд, зеро зиндагӣ бе дӯст маънӣ, таровате надорад. Таи солҳо эҳсосоти гуворои дидорбинӣ, хумор, ҷӯшу хурӯш, меҳри дӯстӣ ҳамдарсҳои моро борҳо ба Самарқанди биҳиштосо, ба хонадони Толиб Юнусзода ҷамъ оварда буд. Хушбахтона, имсол боз хонадони бароямон азиз дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Оқмасҷид» дар маросими ҷашни нимасраи хатми донишкадаи мо мизбонӣ намуд.

Ҳамин тариқ, ҳавлии Толиб Юнусзода барои ҳар яки мо солҳои зиёд аст, ки чун манзили худӣ аст.

**Амрулло АВЕЗОВ.**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# МАҲФИЛИ ИЛМӢ-АДАБИИ ШОИР

***Бо иштироки шоир ва муҳаққиқ Ҷаъфари Муҳаммад дар Донишгоҳи давлатии шарқшиносӣ шаби илмӣ-адабӣ баргузор гардид.***

Дар маҳфили шоири зуллисонайн, узви Иттиҳодияи нависандагони Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Эрон Ҷаъфар Холмӯъминов олимон, шоирон, донишҷӯён, журналистон ва ҳофизон ҳузур доштанд.

Дар маҳфил доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Нарзулло Ҷӯраев, шарқшинос ва навоишинос Олимҷон Давлатов, профессори Донишгоҳи давлатии ховаршиносии Тошканд Мирсодиқ Исҳоқов, доктори илмҳои фалсафа, профессори Донишгоҳи миллии Ўзбекистон Нигина Шермуҳамедова, доктори илмҳои филология Симо Аббосӣ (Эрон), сардабири маҷаллаи адабӣ-илмии «Дурдонаи Шарқ», шоир ва журналист Асадуллоҳ Шукуров ва дигарон иштирок ва суханронӣ карданд.

**С. ИНЪОМЗОДА.**

# ГИРОМИДОШТИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

***Ҳамоиши адабию фарҳангӣ, ки дар робита ба гиромидошти 82-юм солгарди яке аз шоирони маҳбуби халқи тоҷик Лоиқ Шералӣ дар кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи факултети филологияи рус ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз баргузор гардид, «Лоиқ – шоири ҳунар ва завқу андеша» ном дошт.***

Он дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии тоҷикони вилоят рӯйи кор омад. Лозим ба таъкид аст, ки ҳар сол бузургдошт ва ёдбуди шахсиятҳои фарҳангӣ, ҷашну суннатҳои миллӣ дар ин ҷо ба ҳукми анъана табдил ёфта, дар сатҳи баланд роҳандозӣ мегардад. Дар замири чунин чорабиниҳои фарҳангӣ тараннуми дӯстии халқҳо аз мақсадҳои меҳварӣ аст. Аз ҷумла дар чорабинии мазкур ҳам аз ин хусус гуфта шуд ва таъкид гардид, ки фардои дурахшони мо аз солим мондани дӯстии халқҳои маскуни Ўзбекистон вобаста аст. Раиси Маркази миллии тоҷикони вилоят Рамазон Абдуллоев иброз дошт, ки устод Лоиқ Шералӣ аз шоироне маҳсуб меёбад, ки эҷодиёти ғаниву рангинаш тамоми мавзӯъҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро дарбар мегиранд. Хонанда аз шеърҳои ӯ мувофиқи завқи худ шоҳбайтҳои дилҷӯе дарёфт мекунад ва мавриди истифода қарор медиҳад.

Дар маҳфил донишҷӯёни бахши сеюми филологияи тоҷик бо роҳбарии муаллима Дилафрӯз Муқимова фаъол ширкат варзида, баробари қироати ашъори нобӣ ӯ саҳначаи аҷиберо низ намоиш доданд, ки хеле муассир ва хотирмон буд.

**Азиза РАҶАБОВА,**
**донишҷӯйи соли аввали Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**




# РӮЗМАРРАГИИ ДАЪВАТҲОИ АЙНӢ

Воқеан ҳам сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ шахси маърифатпарвар мебошад. Адабиётшинос Хуршеда Отахонова устод Айниро «Хиради халқ» номидааст. С. Айнӣ эҷодкори бомаҳорат ва соҳибравияву сермаҳсул мебошад, ки аксари паҳлуҳои эҷодиёти ӯ аз тарафи пажӯҳишгарон тадқиқ гардидааст.

Дар дарсҳои берунаzсинфии забон ва адабиёт омӯхтани шеърҳои тарғиботии С. Айнӣ аҳамияти калони тарбиявӣ доранд. Аз китоби «Таҳзиб-ус-сибён»-и ӯ чанд нуктаи муҳимро интихоб карда, шарҳ додан ҳам мумкин. Зеро мулоҳизаҳои дар китоб овардашудаи ӯ, ки хонандаро ба саводнок шудан ва соҳибмаърифат гардидан даъват менамояд, имрӯз низ хусусияти рӯзмаррагӣ доранд. Барои мисол порае аз шеъри машҳури ӯ «Саҳаргоҳон»-ро меорем:

*Биёед, эй рафиқон дарс хонем,*
*Ба бекорию нодонӣ намонем.*
*Дар олам ҳар касе бекор гардад,*
*Ба чашми аҳли олам хор гардад.*

Ҳаёти инсон ба мактабу маориф вобастагии қавӣ дорад, ки С. Айнӣ дар ин бора бо лаҳни сода хонандагонро ба таълим даъват намудааст. Нуктаи муҳими дигаре, ки оиди мактаб дар ҳошияи манзумаи «Мактаб» дарҷ гардидааст, ин аст:

*Бемактабонро набвад ҳаёте,*
*Об аст мактаб, нон аст мактаб.*

Бе таҳсил дар мактаб ҳаёти фаровонро наметавон ба даст овард. Зеро мактаб – об ва нон. Яъне донишомӯзе, ки донишҳоро дар мактаб фаро гирифтааст, барои дарёфти обу нон азият нахоҳад кашид.

Дар шеъри «Боз мактаб» устод Айнӣ ба нақши мактаб дар ҳаёти инсон арҷ гузоштааст.

*Рӯйи иродат матоб аз дари*
*мактаб,*
*То ки шавӣ комёб аз дари*
*мактаб.*
*Тӯшаи дину ҳам зарурати дунё,*
*Рав ба суҳулат биёб аз дари*
*мактаб.*

Айнӣ дар осори назмии дигараш низ ҷавононро ба саводнок шудан ва асосҳои илму фанро аз худ намудан даъват менамояд, ки ҳанӯз аҳамияти худро гум накардаанд. Мо дар он андешаем, ки таҳлил ва шарҳу тафсири ин гуна асарҳои устод Айнӣ дар хонишҳои берунаzсинфӣ дар «Соли эътибор ба инсон ва сифати таълим» барои асосҳои илмро амиқ омӯхтани хонандагон кӯмак мерасонанд.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
**муаллими тоифаи олии мактаби рақами 11-уми ноҳияи Сӯх.**

# ОМӮЗГОРИ ЭҶОДКОР

Нарзипӯлод Саидова яке аз занони эҷодкори шаҳри Самарқанд аст. Ҳангоме ки ӯ дар шӯъбаи забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд мехонд, бисёр ҳамсабақонаш ҳамчун дилбохтаи адабиёт шеъру ҳикояҳо менавиштанд. Бо гузашти солҳо як қисми онҳо, аз ҷумла, Маҳбуба Турсунова, Ҳадяи Бухороӣ, Ҳусниддин Зулфонов, Парда Тӯрақул Ҳамдамӣ ҳамчун нависандаву шоир ном бароварданд, чанд нафари дигар номзадҳои фан шуданд.

Нарзипӯлод Саидова ҳам ҳамон солҳо ба корҳои эҷодӣ машғул буд. Баъди хатми донишгоҳ саргарми рӯзгор, тарбияи фарзандон ва корҳои омӯзгорӣ дар мактабу донишкада – барои эҷод вақт наёфт.

Меҳри эҷод, ки дар дилаш ҷӯш мезад, соли 2003 баъди ба нафақа баромадан, боз қалам ба даст гирифт. Намунаҳои эҷодаш дар матбуот чоп шуданд ва ҳатто порсол маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳои худро таҳти унвони «Сеҳри сухан» дастраси ҳаводорони каломи бадеъ гардонд. Ҳоло ӯ китоби нави ҳикояву тарҷимаҳояшро ба нашр омода месозад.

Мо ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш ба муаллимаи фидоиву эҷодкор сиҳату саломатӣ, умри дароз ва бароры корҳои эҷодӣ таманно намуда, ба хонандагони «Овози тоҷик» ҳикояи хурди ӯ – «Намунаи ибрат»-ро пешкаш менамоем.

**Бахтиёри ҶУМЪА,**
**нависанда.**

# НАМУНАИ ИБРАТ

*(Ҳикояи хурд)*

Дар рӯйи ҳавлӣ Фотимаю Марҷона зочабозӣ мекарданд. Ҳарорати ҳавои фасли баҳор торафт баланд мешуд. Бинобарин, аз зери хоку пӯстлохи дарахтҳо ҳар гуна ҳашарот берун мебаромаданд. Бибӣ, ки болои кат нишаста, кӯрпача лаганда мекард, ҳар замон бо гӯшаи чашм ба сӯйи неберагонаш менигарист.

Фотима мӯрчаеро ба хоҳарчааш нишон дод:

– Мӯрчаро дидӣ?

– Канӣ?

– Ана, дар пасат. Чизеро бурда истодааст. Нонреза барин.

– Нонреза?

– Ҳа, нонреза. Бибиҷонам доимо дасторхонро байни гулзор меафшонанд, ки ҳашароту паррандаҳо чида хӯранд.

Марҷонаи хурдакак аз тарс хост мӯрчаро пахш кунад.

Бибӣ суҳбати хоҳаракконро шунида, гуфт:

– Ба ҷонваракон озор надиҳед. Ҷондорро беҷон кардан убол аст.

– Ман аз мӯрча метарсам, боз маро нагазад.

– Ин хел нагӯй, Марҷонаҷон, – гуфт бибиаш. – Мӯрча ҷонвараки меҳнатӣ. Ҳар куҷо нонреза, арзану хӯшаи гандум ё хасу хошокро бинад, кашола карда ба хонааш мебарад. Дидӣ, бо чӣ азоб нонрезаро кашола мекунад?

– Нонрезаро чӣ кор мекунад?

– Нонрезаро барои худаш не, барои бачагонаш мебарад.

Аз хастагӣ поҳои борики мӯрчаяк меларзиданд. Андаке истода, гоҳ-гоҳ пояшро дам медод ва боз ба роҳ медаромад. Мехост зудтар ба манзил расад. Азбаски нонреза аз ҷуссаи мӯрчаяк калонтар буд, бо дастаконаш маҳкам дошта, бо азоб мерафт. Охир, бачагонаш гуруснаанд. Гуруснагии онҳоро модар медонист.

Ҳаракати ҷонваракро дида, дигар мӯрчаҳо сӯйи ӯ шитофтанд.

Бибӣ гуфт:

– Одати мӯрчагонро дидед, якҷоя нонрезаро кашола карда, ба манзил мерасонанд. Онҳо ба якдигар меҳрубонанд. Аммо шумо бошед...

– Не, не, мо духтарчаҳои ганда не, бибиҷон. Аз мӯрчаҳо меҳрубонтар ҳастем, – Фотима хоҳаракашро ба оғӯш кашида бӯсид.

Бибӣ аз зери айнак нигоҳкунон бо табассум фаҳмонд:

– Ширинакони бибӣ, меҳрубонӣ танҳо аз оғӯшкунию бӯсобӯсӣ иборат нест. Меҳрубонӣ эҳсоси ҳамрайъиву якдигарфаҳмӣ мебошад.

**Нарзипӯлод САИДОВА.**

*Оё медонед?*

## ТАШКИЛКУНАНДАИ НАХУСТИН МАКТАБИ ОЛИИ ЗАНОНА

Эмма Уиллард дар ИМА нахустин мактаберо кушодааст, ки занонро соҳиби маълумоти олӣ мегардонад.

Эмма, вақте ки по ба остонаи мактаб ниҳод, 15-сола буд. Дар 17-солагӣ омӯзгори ҳамин мактаб шуд. Духтарак дар мактаб барои писарону духтарон барномаҳои таълимӣ тайёр мекард. Ҳангоми тайёр кардани барномаҳо кӯшиш ба харҷ медод, ки дар байни онҳо фарқ камтар бошад.

Эмма исбот кардан мехост, ки духтарон ҳам тавони омӯхтани илмҳои дақиқро доранд. Ба ин мақсад, ӯ дар хонаи худ семинария ташкил кард.

Дертар вай аз Легислатура (мақомоти қонунгузории дупалатагӣ)-и штати Нюйорк дархост намуд, ки ба таълими занона маблағгузорӣ кунад. Вале мансабдорон ӯро дастгирӣ накарданд. Танҳо губернатори штат ба истиқболи ӯ баромад.

Ҳамин тавр, ӯ муваффақ гардид, ки соли 1821 дар ИМА дари нахустин семинарияи занонаро, ки дар он ҷо онҳо маълумоти олӣ гирифта метавонистанд, кушояд.

## НАХУСТИН ЗАНИ ОМӮЗГОР ДАР ДОНИШГОҲИ СОРБОНН

Мария Кюри пеш аз он ки аз рӯйи физика ва кимиё ду карат лауреати мукофоти Нобел шавад, дар хонаи сарватмандон мураббӣ буд. Даромади иловагӣ ба ӯ барои гирифтани маълумоти олӣ зарур буд. Духтарак соати шаши субҳ аз хоб хеста, бо омӯхтани фанҳои физикаю математика машғул мешуд ва рӯзона ба бачаҳои сарватмандон дарс медод. Ба замми ин, барои ба бачаҳои деҳқонон омӯхтани хондан ва навиштан вақт меёфт.

Ниҳоят Мария имкон пайдо кард, ки ба Донишгоҳи Сорбонн дохил шавад. Ӯ рӯзона дар донишгоҳ мехонду шабона, барои пардохти пули хонаи иҷора муаллимӣ мекард.

Дар он замоне, ки аксарияти духтарон орзуи хонданро надоштанд, Склодовская-Кюрӣ дар як вақт ду дипломи Донишгоҳи Сорбоннро ба даст дароварда, дар кафедраи физика ба кори омӯзгорӣ пардохт.

Тарҷума ва таҳияи **С. БЕКНАЗАРОВА.**



# «ҚАДРДОНИИ ИЛМ – САЪЙ БАРОИ ИЛМ»

Дар мактаби миёнаи рақами 9-уми ноҳияи Сайҳунобод, ки ҷараёни таълим бо ду забон – ӯзбекӣ ва тоҷикӣ сурат мегирад, 535 нафар хонанда таҳсил мегиранд. Мактаб бо ҷиҳозҳои замонавии таълим муҷаҳҳаз гардидааст. Аз гурӯҳи тоҷикӣ 13 нафар соли хонишро бо баҳоҳои аъло хатм менамоянд.

Бино ба тавсияи Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ дар бораи баргузор намудани «Занги охирин» ва ҷамъбасти соли хониши 2022-2023 дар муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ 25 майи соли ҷорӣ таҳти шиори «Қадрдонии илм – саъй барои илм» чорабиниҳои занги охир барпо мегарданд.

Чорабиниҳо бо иштироки хонандагони мактаб аз синфи 1 то 11 дар ҳавлии мактаб, боғ ё майдони кушоди сояву салқин мегузарад. Дар чорабиниҳо омӯзгорони собиқадор, фаъолони маҳалла, падару модарон, роҳбарияти мактаб, шогирдони собиқи мактаб, соҳибкорон иштирок хоҳанд кард.

Барномаи гузарондани чорабинӣ бо роҳбарии сарвари таълимгоҳ, ҷонишини директор доир ба корҳои маънавият ва маърифат, омӯзгорон ва роҳбаладӣ ҷавонон ба нақша гирифта мешавад.

Хонандагони аълохон ва фаъол бо ифтихорномаҳо ва китобҳо рағбатнок гардонида мешаванд. Омӯзгорони собиқадор, роҳбари мактаб, падару модарон ба хатмкунандагон роҳи сафеди мустақилона талабида, барои ба донишкадаву донишгоҳҳо дохил шудан дуои нек мекунанд.

Хатмкунандагон ба устодони худ, ки дасти онҳоро рост карда, илму дониш омӯхтаанд, ташаккури худро изҳор менамоянд.

– Албатта, рӯзҳои охирини хатми мактаб ҳаяҷонбахш аст. Ҳар яки мо айёми мактабхонӣ, устодон, ҳамсинфонро дар лавҳи хотир нигоҳ медорем. Шоир фармудааст:

*Фаромӯш макун ҳаққи устоди илм,*
*Ки бар ҳиммати ӯст бунёди илм.*
*Агар дар дилат меҳри устод нест,*
*Ба дасти умеди ту ҷуз бод нест.*

Ба хатмкунандагони мактабҳо роҳи сафед талабида, дар интихоби касб, дар ҳаёти ояндаашон комёбиҳои тоза орзумандем,– мегӯяд муаллимаи мактаб Ҳамида Йӯлдошева.

**Зулайхо БУРҲОНОВА,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 9-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё.**

# АЗ АДАБ ПУРНУР ГАШТАСТ ИН ФАЛАК

(Аввалаш дар саҳ.3).

Шеъру сурудҳое, ки махсуси бачагон эҷоду суруда шудаанд, бо содагӣ, равонӣ, муъҷаз ва осонфаҳмиашон аз дигар шеъру сурудҳо фарқ мекунанд. Дар адабиёти кӯдаки мо шеъру суруд аз замонҳои хеле қадим ба таври шифоҳиву хаттӣ мавҷуд буд. Барои мисол, сурудҳои алларо метавон гуфт, ки модарон барои фарзандонашон дар сари гаҳвора месуруданд.

Дар адабиёти кӯдаки тоҷик шеърҳои бачагона дар ду асри охир зиёд эҷод шуд ва шуда истодааст. Ҳатто шоироне, ки танҳо барои бачагон шеър эҷод мекунанд, пайдо шуданд.

Дар ҷодаи эҷоди шеърҳои бачагона аз шоирони муосир аз аввалинҳо шуда устод Садриддин Айнӣ қадам ниҳодааст.

Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонова, Убайд Раҷаб, Алӣ Бобоҷон, Нуъмон Розиқ, Маҳбуба Неъматзода, Азизи Азиз, Асад Гулзодаи Бухороӣ ва чандин нафарони дигар барои ривоҷи шеъри бачагона дар адабиёти кӯдаки тоҷик саҳми босазо гузоштаанд. Албатта, шеърҳои бачагона аҳамиятҳои калон барои тарбияи наврасон, шууру нутқ, мустаҳкамкунии хотираи онҳо доранд. Яке аз мақсадҳои асосии шеъри бачагона низ ба боадаб тарбия намудани атфол равона карда шудааст. Масалан, ҳангоме ки бачагон шеъри «Дар сари хон»- и Маҳбуба Неъматзодаро ёд мекунанд, ё фақат мехонанд аз он эҳтироми калонсолон, ҷойгоҳи онҳо, одоби сари дастархонро меомӯзанд.

*Бобоям дар сари хон,*
*Аз ҳама боло шинад.*
*Момоҷонам ҳамеша*
*Аз бари бобо шинад.*
*Аз сӯйи рост падарам*
*Аз чап шинад модарам.*
*Паҳлӯи модарҷонам*
*Ҷойи ману додарам.*
*Вале хоҳараки мо*
*Мешинад аз мо боло.*
*Медонӣ ҷояш куҷо?*
*– Сари зонуи момо.*

Ёд кардани шеърҳои бачагона барои наврасон он қадар душвор набуда, манфиатҳои зиёд дорад. Яке аз роҳҳои мустаҳкаму тез намудани хотира ёд намудани шеърҳо мебошад. Ҳангоме ки наврасон шеър аз ёд мекунанд ва ба маънои он сарфаҳм меравонд, дар оянда ба шиор ва тамоюл (принсип)-ҳои ҳаёти онҳо табдил меёбад. Пас, ба чӣ гуна шеър ёд кардани кӯдакон низ бояд эътибор дод.

Хулоса, метавон гуфт, ки ҳамаи жанрҳои адабиёти кӯдак, аз ҷумла, ин ду – афсона ва шеъру суруд, ки мо аз дидгоҳи худ баррасӣ намудем, ба тарбияи насли наврас аҳамияти калон дорад. Агар мо хоҳем, ки як ҷомеаи солим, бофарҳанг бунёд кунем, бояд ба одоби насли наврас эътибори ҷудогона диҳем, ки ин вазифаро ба воситаи адабиёти кӯдак ба амал баровардан осон аст.

**Фаридун АСЛОНОВ,**
**донишҷӯйи курси дуюми факултаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ.**

# ДАР САҲНИ ҲАЁТ БЕ ЗАНГ, БЕ ОГОҲӢ...

Садои зангро дӯст медорам. Ин садо давомнокии ҳаётро ва дар ин ҳаёт зиндагонии моро ба хотир мерасонад. Саросари диёри офтобрӯямон пагоҳ занги охирин садо медиҳад. Гуфтан мумкин аст, ки ин занг хатмкунандагонро аз даргоҳи мактаб ба ҳаёти мустақилона ҳидоят менамояд.

Дар ҳаёти инсон даври кӯтоҳу пурмазмун ва лабрез аз хотирот ана ҳамин давраи бачагию мактабхонӣ. Инсоне нест, ки давраи мактабхониашро аз хотир фаромӯш кунад. Ин лаҳзаҳои пурмазмун дар ҳаёти инсон нотакроранд. Табиист, ки давраи бачагӣ ростгӯию самимиятро дӯст медорад. Ногаҳон дар кӯча, дар роҳ бо дугонаам ё ки бо ҳамсинфам вомехӯрам. Агар вай ҳамроҳи набераaш, наберае, ки қадаш қариб ба бобо ё модаркалонаш баробар бошад, саросема мешавам, забонам гӯё ки лол мегардад...

Ба бачагоне, ки имрӯз мактабро хатм мекунанд, ҳавасам меояд. Либосҳои пӯшидашон хушрӯ, имкониятaшон ҳадду канор надорад.

Мо ба бисёр чиз боварӣ доштем. Устодонро эҳтиром мекардем. Супоришҳои онҳо бароямон қонун буд. Ҷавонони ҳозира бошанд, тамоман дигаранд. Ба онҳо ягон ҳолатро нодуруст таҳлил кардан нашояд. Онҳо фазилати ба худ хос доранд. Ҳар якашон ҷиддӣ ва ҳушёранд. Ба фикрам, ин хусусият эҳтиёҷ ва талаби замон аст.

Занги охирин садо медиҳад. Ба китобе, ки ин бачагӣ аст, нуқтаи охирин гузошта мешавад.

Хатмкунандагон! Шумо ин зангро дар давоми мактабхонӣ ҳазорҳо маротиба шунидаед. Аммо имрӯз маъно ва қадри ин зангро бори якум ва охирин ҳис мекунед. Шумо акнун дар саҳни ҳаёт бе занг, бе огоҳӣ, мустақил қадам мегузоред. Ин аз шумо иродаи матин, ҳушёрӣ ва масъулиятнокиро металабад. Дар ин ҷода ба ҳар яки шумо бахти сафед, муваффақият ва имкониятҳои беназир хоҳонем.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4620 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.